«ТАСДИК МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинпюҳ Шоҳтемур, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур

________________________________

«___________________________ 2023 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинпюҳ Шоҳтемур ба диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст бо шиносномаи ихтисоси илмии номбаргардида, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар бораи яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи илмҳои иҷтимоӣ таҳия гардидааст. Масъалаи оила ва оиладорӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз дар ҷомеаи имрӯза аст, ки солҳои охир дар Тоҷикистон ботадриҷ паҳн мегардад, зиёд шудани шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра мебошад. Вақте ки оила нопурра мегардад, як қисми вазифаҳои асосии худро дар сатҳи кофӣ ба анҷом расонида наметавонад. Меҳвари асосии оилаҳои нопурраро модарони танҳо ва фарзандони онҳо ташкил медиҳанд. Мувофиқи мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои дастрас пас аз қатъ гардидани ақди никоҳ фарзандон ба тарбияи модарони танҳо мемонанд ва оилаи нопурра пайдо мегардад. Дар Тоҷикистон оилаҳои нопуррае, ки дар меҳвари он падарон ва фарзандон қарор доранд, хело кам ба мушоҳида мерасанд.

Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзӯи

«Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқи масъалаи модарӣ** ва хусусиятҳои онҳо дар он ифода меёбад, ки он масъалаи мураккаб ва рӯзмарра буда, то ҳоло аз ҷониби муҳаққиқон дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор нагирифтааст. Дар оилаҳои нопурра бештари вақти модарони танҳо ба кори берун аз оила ва кор кардани маблағи муайян барои таъминоти иқтисодии фарзандон мегузарад, ки дар натиҷа фарзандон аз назорат ва тарбияи доимӣ дур мемонанд. Баъдан, аксарияти гурӯҳи модарони танҳоро занҳои ҷавон ташкил медиҳанд, ки одатан онҳо ҳануз таҷрибаи кофии ҳаёти мустақилона ва малакаҳои тарбияи фарзандонро надоранд. Аксарияти онҳо бармаҳал ва хело ҷавон оиладор шуда, таҳсилоти тахассусӣ надоранд, бо нерӯи шахсии худ мустақилона зиндагонии худро пеш бурда наметавонанд. Ин омилҳо ба таври амиқ ба рафтори модарони танҳо ва муносибати онҳо ба кӯдакон таъсир мерасонанд. Бинобар ин таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, хусусиятҳои зуҳури онҳо, моҳият ва ҷудошавии оилаҳо ҳамчун масъалаи муҳими доғи ҷомеа боқӣ мемонад.

Таҳлили иҷтимоии мавзуи мазкур дар масири ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи тоҷик аз аҳамият холӣ нест. Бинобар ин дар доираи таҳқиқот тасмим гирифта шудааст, ки ҳолат, омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо мавриди омӯзиш, муҳокима ва таҳлил қарор гирад. Омӯзиши ин масъала аз он ҷиҳат мубрам аст, ки оид ба ин мавзуъ дар доираи равиши сотсиологӣ бо назардошти шароити Тоҷикистон аз ҷониби донишмандону ҷомеашиносони тоҷик таҳқиқоти пурраю фарогире ба анҷом расонида нашудааст. Аз ин рӯ, ба назари мо интихоби мавзуи "Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон" иқдоми саривақтӣ буда, он дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад.

Аҳамияти мавзуи диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки зарурати омӯзиш ва баррасии самтҳои таҳқиқи ин мавзуъ барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ва

модарони танҳо, ҳолати иҷтимоишавии фарзандон дар муҳити оилаҳои нопурра, оқибатҳои номатлуби мушкилоти модарони танҳо, пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра дар Тоҷикистон ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти дастгирии модарони танҳо ва муқаррар намудани имтиёзҳои давлати нисбати онҳо мусоидат карда метавонад.

Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки ӯ дархостҳоро мураттаб сохта пешниҳодоти назариявӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда ба таври умумӣ иброз намудааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни илмию назариявии масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон асарҳои зиёди олимони хориҷиву ватаниро мушаххасан истифода намуда, кӯшидааст, ки онҳоро ба сифати манбаъ ва захираҳои сатҳи гуногун ба таври самаранок истифода намояд. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб мeёбанд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллифи рисола тавонистааст, ки дар ду боб ва шаш зербоб паҳлуҳои мухталифи мавзӯи мавриди таҳқиқро дар асоси маводҳои муътамади дохилию хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳад.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва амсоли инҳо хеле хуб нишон дода шудаанд.

Боби аввали рисолаи мазкур ба мазӯи “Асосҳои назариявӣ-методологӣ омӯзиши оилаҳои нопурра”

ки дар онҳо масъалаҳои шарҳи мафҳуми оилаи нопурра ва таснифи он дар ҷомеаи муосир, омилҳои иҷтимоӣ ва мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурра ва масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи муосир ва амсоли инҳо бахшида шудааст, мавриди таҳқиқу таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар зербоби аввали он, ки бо номи “Тавсифи назариявии мафҳумҳои «модарӣ» ва «оилаи нопурра» дар илмҳои ҷомеашиносӣ» номгузорӣ шудааст, мафҳум ва моҳияти оилаи нопурра, назарияҳои сотсиологӣ дар бораи оилаи нопурра, хусусиятҳои зоҳиршавии оилаи нопурра ва намудҳои он дар ҷомеаи муосир таҳқиқ гардидааст.

Диссертант дар ин бахш дуруст зикр намудааст, ки модарӣ зуҳуроти муҳимтарини ҳастӣ ва механизми асосии

такрористеҳсолнамоии ҷисмонӣ ва иҷтимоию фарҳангии инсоният ба ҳисоб меравад. Тифл таваллуд шудан баробар ба таълиму тарбия ва ғамхории модар эҳтиёҷ дорад, қоидаҳои рафтор, меъёрҳо ва анъанаҳои халқи худро нахуст аз модар меомӯзад. Модарӣ механизми ивазнашавандаи аз як насл ба насли дигар гузаштани арзишҳои фарҳангӣ ва мероси маънавии инсоният мебошад. Муносибати байни кӯдак ва модар барои рушди шахсияти кӯдак нақши калидӣ мебозад. Дар аввал арзишҳо ва афзалиятҳои фарҳангиро ба кӯдак модар медиҳад ва сипас онҳоро ҷомеа ислоҳ менамояд. Дар мавриди сар задани буҳронҳои ҷомеа маҳз институти модарӣ арзишҳои асосии ҷомеаро ҳифз намуда, ба насли дигар боқӣ мегузорад.

Зербоби дуюми рисола ба мавзуи **«Омилҳои иҷтимоӣ ва мадании ташаккулёбии оилаҳои нопурра»** бахшида шуда дар он муаллиф пеш аз ҳама сабабҳои пайдоишу паҳншавии оилаҳои нопурра дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирфтааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи оилаҳо вазифаҳои институтсионалии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда метавонанд. Яке аз чунин намуди оилаҳо дар Тоҷикистон оилаҳои нопурра бо модари танҳо мебошад. Ҷудошавии ҳамсарон, тавлиди фарзанди берун аз никоҳ ва дигар зуҳуроти ба ин монанди оилавӣ ҳамчун сарчашмаи пайдошавии оилаҳои нопурра ҳамеша амали берун аз меъёрҳои иҷтимоӣ ҳисобида мешуд, махсусан, дар ҷомеаҳои анъанавӣ.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши амиқи ин масъала ба чунин хулосаи дуруст омадааст, ки пайдоиши оилаҳои нопурра дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ҷудошавии ҳамсарон, таваллуди бе никоҳ, фавти яке аз ҳамсарон, фарзандхонӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дигар омилҳои объективӣ ва субъективӣ мусоидат менамоянд.

Зербоби сеюми рисола ба мавзуи “**Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи муосир**»” бахшида шуда масъалаи ҳолат ва амсилаҳои рафтори иҷтимоии модарони танҳо дар оилаи нопурра мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Оила институти иҷтимоиест, ки ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон мусоидат намуда, иҷтимоишавии ибтидоии онҳоро ба амал мебарорад. Таълим ва тарбияи насли наврасро танҳо дар робитаи зич бо оила ба роҳ мондан мумкин аст. Мушкилоти иҷтимоӣ нахуст ба оилаҳои эҳтиёҷманд, махсусан, ба оилаҳои нопурра ва модарони танҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Мутаассифона, имрӯз аксарияти оилаҳои нопурра мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ доранд, на ҳама вақт кафолати муваффақияти таълиму тарбияи шоён хизмат менамоянд.

Боби дуюми рисола, ки **“Шароити зиндагии модарони танҳо дар Тоҷикистони муосир”** номгузорӣ шуда, дар ҳамаи ҷомеаҳо муносибатҳои дохили оилавӣ ба никоҳ ва шакли оила вобастагии калон дорад ва бо рушди ҷамъият тасаввуротҳо оид ба мазмуни никоҳ, нақшҳои оилавӣ ва тавлиди фарзанд тағйир меёбанд мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якуми рисола, ки **“Хусусиятҳои иҷтимоии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ”** номида шудааст, ки масъалаҳои тарзи зиндагии модарони танҳо дар оилаи нопурра ва намунаҳои рафтори онҳо барои таъминоти оила ва таълиму тарбияи фарзандон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки занони танҳо дар оилаҳои нопурра як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд, махсусан, дар масъалаи таълиму тарбия ва таъминоти иқтисодии фарзандон ба як қатор мушкилот гирифтор гардидаанд. Модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ аз тадбирҳои гуногун истифода мебаранд, махсусан, машғул шудан ба корҳое, ки тахассусмандиро талаб намекунанд ва вақти нопурраи корӣ доранд. Баъзе аз модарони танҳо ба шаҳрҳои калон омада, иҷоранишин мешаванд ва ба корҳои вазнини хастакунанда машғул мегарданд. Ҳамзамон, рӯ овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои баъзеи модарони танҳо рафтори стратегӣ дар ҳолатҳои мушкилӣ ҳаётӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бояд механизмҳои расонидани кумакҳои иҷтимоӣ барои бартараф намудани масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо кор карда баромада шаванд.

Ба андешаи диссертант Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ҳангоми таҳлили иҷтимоии муаммои модарони танҳо дар ҳолатҳои мушкилоти зиндагӣ рӯй овардан ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа мебошад. Имрӯз мушоҳида мегардад, ки баъзе аз модарони танҳо дар Тоҷикистон фарзанд ё фарзандони хурдсоли худро ба бобою модаркалон ва ё дигар хешовандон гузошта ба муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар сафар менамоянд. Ба андешаи мутахассисони Кумитаи кор бо занони Тоҷикистон аксарияти занҳои муҳоҷир маҳз пас аз гирифтани талоқ аз ҳамсарони худ тасмими ба Россия рафтанро мекунанд, чунки ба ин ақидаанд, ки танҳо дар муҳоҷират имкони тағийр додани зиндагиашонро доранд.

Муаллифи рисола дар диссертатсия чунин натиҷагирӣ намудааст, ки дар шароити шаҳришавӣ шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо меафзояд, зеро тарзи зиндагии шаҳрӣ зану мардро водор менамояд, ки ба рушди касбӣ диққат дода, ба муносибатҳои анъанавии оилавӣ камтар таваҷҷуҳ намоянд. Муҳити шаҳрӣ аз зану мард фаъолии

касбию иҷтимоиро талаб менамояд ва аз ин сабаб, дар чунин шароит шумораи ҷудошавии ҳамсарон меафзояд. Баъзе занон аз оила дида, худтадбиқнамоӣ ва пешрафт дар ҷойи корро авлотар медонанд ва дар ҳолати ба ин мақсадҳои онҳо монеа гаштани муносибатҳои оилавӣ, аз баҳри охирин мегузаранд ва ҷудо мешаванд. Чунин падида торафт дар муҳити шаҳрҳои калони Тоҷикистон, махсусан дар шаҳри Душанбе торафт меафзояд. Модарони танҳо дар шароити деҳот низ дар тарбия ва таъминоти иқтисодии фарзандон мушкилӣ мекашанд. Фарзандони оилаҳои нопурра ҳанӯз аз даврони хурдсолӣ ба кори хона ва хоҷагидорӣ ҷалб карда мешаванд, ки ба таҳсилу тарбияи онҳо беасар намемонад.

Зербоби дуюми рисола ба мавзуи "**Хусусиятҳои иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон**" бахшида шуда, дар он муаллиф масоили инсонро барои аз худ намудани сифатҳои иҷтимоӣ бояд раванди иҷтимоишавиро гузарад. Иҷтимоишавӣ, пеш аз ҳама раванди азхуднамоии меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшҳои иҷтимоӣ мебошад. Ба андешаи муҳаққиқон нақши оила дар иҷтимоишавии шахс ниҳоят бузург аст, зеро тавассути оила шахс ба ҳаёти иҷтимоӣ омода шуда, ҳамчун фарди комилҳуқуқи ҷомеа эътироф мешавад.

Муаллифи рисола дар зерфасли мазкур аз рӯи натиҷаи таҳлилу омӯзиш яке аз омилҳои асосии вусъатёбии авҷгирии мушкилоти нисбатан вазнини оилаҳои нопурра масъалаҳои иҷтимоӣ-психологӣ мебошанд, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни оилаҳои нопурра ба назар мерасанд. Баъд аз ҷудо шудани волидайн дар кӯдакони оилаҳои нопурра ҳисси озурдагӣ ва рӯҳафтодагии пайдо мегардад, баъзан кӯдакон худро сабабгори асосии вайроншавии оилаашон медонанд. Дар чунин ҳолат нигоҳубини фарзандони нимятим пурра ба души зан қарор гирифта, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки талаботи фарзандонаш дар сатҳи зарурӣ қонеъ гарданд. Баъзан вақт зан хашми худро барои вайрон шудани оила ба фарзандон равона мекунад.

Дар ин робита, диссертант Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ин мавзӯъро дақиқу амиқ омӯхта, ба чунин натиҷагирии дуруст расидааст, ки барои иҷтимоишавии мӯътадили кӯдакон иштироки ҳарду волидайн хело зарур аст, писарчаҳо дар оянда зери таъсири падар таъминкунанда, муҳофиз ва идоракунандаи оила буданро нусхабардорӣ ва тақлид мекунанд. Падар ба кӯдак мустақилият, худназораткунӣ, худидоракунӣ, масъулиятшиносӣ ва мубориза барои расидан ба мақсадҳоро меомӯзонад. Аксарияти кӯдаконе, ки бе тарбияи падар ба воя расидаанд, мустақил нестанд, худбаҳодиҳии паст дошта, нақшҳои гендериро пурра аз худ накардаанд ва оянда дар ҷомеаҳои анъанавӣ ҷойгоҳи худро пайдо

карда наметавонанд. Ҳамзамон модарони танҳо дар оилаҳои нопурра уҳдадориҳо ва масъулияти зиёдро ба зимма дошта, пайваста дар ҳолати изтиробнокӣ ва шиддатноки равонӣ қарор доранд. Мушкилии иҷтимоишавии оилаҳои нопурра дар худэҳсоснамоӣ ва мутобиқшавии кӯдакон инъикос мегардад. Дар шароити нокифояи сатҳи зиндагӣ, ночиз будани даромади иқтисодӣ, мушкилии таъминоти озуқаворӣ, сатҳи пасти дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоии оилаҳои нопурра иҷтимоишавии кӯдакон дар сатҳи муътадил намегузарад.

Дар зербоби сеюми рисолаи мазкур "**Сиёсати иҷтимоии давлат нисбати оилаҳои нопурра дар ҷумҳурии Тоҷикистон**" масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии оилаҳои нопурра, модарони танҳо ва фарзандони онҳо таҳқиқ мегардад. Мувофиқи моддаи 1-уми Конститутсия Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст ва ба шаҳрвандон сатҳи муайяни наӯаҳволиро кафолат медиҳад. Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон барои ҳифзи оила, модар ва кӯдак базаи мувофиқи ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст. Модарони танҳо дар оилаҳои нопурра табақаи камбизоат ва эҳтиёҷманд мебошанд ва ниёз ба кумаку дастгирии моддию молиявӣ доранд.

Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки барои ҳифзи модарӣ як қатор кумакҳо, мисли кумакҳо барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дар давоми рӯхсатӣ, кумакпулиҳои ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак, кумакпулии якдаъфаина барои таваллуди кӯдак муқаррар гардидааст. Агар падару модари кӯдак кор накунанд, пас онҳо барои таваллуди кӯдак ҳуқуқи гирифтани кумаки якдаъфаина ва кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдакро доранд, аммо дастрасии онҳо ба чунин кумакпулиҳо аз сабаби огоҳӣ надоштан ва паст будани сатҳти донишҳои ҳуқуқӣ маҳдуд мебошад. Агар зан шуғли ғайрирасмӣ дошта бошад, пас кумакпулиҳои ба таваллуд ва нигоҳубини кӯдакро дастрас намекунад, инчунин заноне, ки дар кори хона банданд, ба ҳифзи модарӣ таъмин нестанд маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тавр, рисолаи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дорои сохтор ва пайдарҳамии матолиби он ба талаботҳои барои рисолаҳои пешниҳодгардида ҷавобгӯ мебошад, ки онҳо аз дастовардҳои муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дар асоси натиҷаҳои ошкоршуда ироа карда шудаанд, ки аз эътимоднокии онҳо дарак медиҳад. Муаллиф бо овардани далелҳои илмӣ андешаҳои хешро тақвият бахшида, ба натиҷаҳои муайян расидааст. Муаллиф дар ҳар қисмати таҳқиқот дар заминаи баррасиҳо ба хулосаҳои муайяне расидааст, ки дар натиҷагирии умумӣ инъикос карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои ба даст овардаро баён сохта, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда.** Аз руйи мавзӯи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 2 конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопнамудаи муаллиф ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, инчунин тавсияҳои илмии довталаб дар мақолаҳо ва маърӯзаҳои илмии ӯ дарҷ гардидаанд. Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар рисола дар баробари дастовардҳои таълифшуда камбудию норасоиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Дар кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати ҳуқуқи иҷтимоӣ камтар таваҷҷуҳ гардидааст. Муаллифро зарур аст, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи бештар намуда ва хусусияти онҳоро дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон нишон медод беҳтар мебуд.
2. Дар кори илмии диссертатсионӣ баъзе хаттогиҳои имлоию грамматикӣ низ ба чашм мерасад, ки мазмуну моҳияти мавзуи мазкурро коста намегардонад.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар охир метавон гуфт, ки нуқсонҳои ҷойдошта арзиши илмии кори диссертатсиониро паст намесозанд ва он ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ). Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар таърихи 01.11.2023, протоколи №4 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 13 - нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 13 нафар; “муқобил” - нест”, “бетараф” – нест,

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносӣ номзади
илмҳои фалсафа, дотсент Раҳматов У.Н.

Котиби маҷлис:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А.

Омодасози
лоиҳаи тақриз:
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарипов Х.Б.

Имзоҳои номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҳматов У.Н, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А ва номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарипов Х.Б.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

Суроғаи муассиса:
734003, ҶумҳурииТоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146.
Тел.: (+992 37) 224-72-07